«Тасдиқ мекунам»
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»
профессор Қурбонзода М.Р.
______________________
аз «__» ______ соли 2026.

# ХУЛОСАИ

## Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»

Диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи методикаи таълими математика Мирзораҳимзода Мирзоали Ҳусейнбой дар мавзуи «Методикаи истифодабарии масъалаҳои ғайристандартӣ дар баланд бардоштани дониши математикии донишҷӯёни курсҳои поёнии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10-Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.1-Назария ва технологияи таълими математика) дар кафедраи методикаи таълими математикаи МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Мирзораҳимзода Мирзоали Ҳусейнбой унвонҷӯи кафедраи мазкур ба ҳисоб мерафт.

Мирзораҳимзода Мирзоали Ҳусейнбой соли 2004 бо ихтисоси математика факултети механикаю математикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2009 бо муваффақият хатм намуд.

Солҳои 2009-2019 ба ҳайси омӯзгори фанни математика дар МТМУ №1-и ноҳияи Кушониён кор ва фаъолият намудааст. Аз соли 2019 то инҷониб ҳамчун омӯзгори кафедраи методикаи таълими математика, факултети математикаи МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» кору фаъолият менамояд.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 01.10.2022, қарори таҳти №351-фа барои пеш бурдани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ба ҳайси унвонҷӯ кафедраи методикаи таълими математика қабул карда шудааст.

Номбурда соли 2021 аввалин маротиба мавзуи кори илмӣ-таҳқиқотии худро бо номи «Методикаи истифодабарии масъалаҳои мантиқӣ дар баланд бардоштани дониши математикии хонандагони синфҳои болоӣ», таҳти роҳбарии доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи Алгебра ва геометрияи факултети математикаи МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Сатторов Абдурасул Эшбекович, дар шурои олимони МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», таҳти №9, аз санаи 27.04.2021 тасдиқ карда буд. Бо сабаби зарурат ва қарори №6-и шурои олимони донишгоҳи номбурда, аз санаи 30.01.2024 дар мавзуи «Методикаи истифодабарии масъалаҳои ғайристандартӣ дар баланд бардоштани дониши математикии донишҷӯёни курсҳои поёнии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ» кори илмии довталаб тағйирот ворид гардид.

Унвонҷӯ Мирзораҳимзода Мирзоали Ҳусейнбой имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанҳои забони хориҷӣ (англисӣ) бо баҳои 4 (хуб) санаи 31.01.2023, фалсафа ва таърихи илм бо баҳои 4 (хуб) санаи 14.02.2024 ва имтиҳон аз рӯйи ихтисосро бо баҳои 5 (аъло) санаи 17.10.2025 дар МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» супоридааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи методикаи таълими математика аз 25.02.2026, пратаколи №7 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Методикаи истифодабарии масъалаҳои ғайристандартӣ дар баланд бардоштани

дониши математикии донишҷӯёни курсҳои поёнии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ » чунин хулоса қабул карда шуд:

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.10-Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ(фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.1-Назария ва технологияи таълими математика) мувофиқ буда, муҳтавои диссертатсия низ ба он мувофиқ мебошад.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.**

Хусусияти асосии рушди муосири системаи маориф дар мактабҳои миёна ва олӣ ин таваҷҷуҳ ба дифференсиатсияи махсуси таълим мебошад. Ба ин муносибат дар тайёр намудани донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ масъалаҳои нав ба миён меоянд. Яке аз мушкилоти муҳими системаи маориф ин ба дараҷаи олӣ тайёр намудани донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ мебошад, ки онҳо бояд ба як қатор талаботҳо ҷавобгӯ бошанд, аз ҷумла:

- онҳо бояд қисми назариявӣ ва амалии дилхоҳ фанни математикаро чунон аз худ карда бошанд, ки бозомӯзии минбаъдаи иловагиро талаб накунад;

- омӯзгорони оянда бояд чунин донише аз худ кунанд, ки бо салоҳдиди хеш истифодабарии ин донишро ҳангоми кор дар ҳама гуна синфҳои профилӣ тавонанд;

- маҳорати истифодабарии адабиёти илмию методӣ ҳангоми тартиб додани дилхоҳ мавзуи барномаи математикӣ ва татбиқи он.

Истифодаи мақсаднок ва самараноки масъалаҳои ғайристандартӣ дар раванди таълими математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ имкон медиҳад, ки вазифаҳои мураккаб ва гуногуни таълимӣ ҳал шуда, сатҳи таҳсил ва омодагии донишҷӯён — мутахассисони оянда баланд гардад.

Зеро рушди тафаккури мантиқии донишҷӯён ба омӯзиши ҳалли мисолу масъалаҳои ғайристандартӣ иртиботи зич дошта, ба онҳо шароит фароҳам меорад, ки қобилияти мулоҳизакунӣ ва эҷодкориро инкишоф диҳанд, дар раванди ҳалли машқҳо фаъол бошанд ва тарзи дурусти татбиқи донишҳои андӯхташударо дар зиндагии воқеӣ аз худ намоянд.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия.** Натиҷаҳои илмии унвонҷӯ дар 21 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии воридшуда ба феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 адад дастури таълимӣ методӣ ва 15 мақолаи боқимонда дар дигар нашрияҳо ба нашр расидаанд. Ин мақолаҳо маводи конференсияҳои илмӣ-назариявӣ, амалӣ ва байналмилалиро ташкил медиҳанд. Мазмуни интишорот бо муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мутобиқ буда, теъдоди он ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори ҲТ аз 30 июни соли 2021, №267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) мувафиқ мебошад.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Ба ҳайси муассисаи пойгоҳӣ факултети математикаи Муассисаи давлатии таълимии МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ва Донишгоҳи давлатии Данғара интихоб гардида буданд. Натиҷаҳои илмии таҳқиқот ва илмии методӣ дар муассисаҳои мазкур татбиқ гардида, хулосаҳои он дар кори диссертатсионӣ дарҷ гардидаанд. Аз ҷониби муассисаҳои болозикр ба унвонҷӯ маълумотнома ва санадҳои татбиқ дода шудааст.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқи диссертатсионӣ.** Саҳми асосии довталаб дар омодакунии диссертатсия аз инҳо иборат мебошад:

- таҳлили амиқи адабиётҳои илмӣ-методӣ, таҳқиқ ва тавзеҳи маълумотҳои истифодашуда ва ба низомдарории онҳо, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо баёни натиҷаҳои ноилшуда;
- коркарди методологии масъалаҳои ғайристандартӣ;

- равандҳои омӯзиши масъалаҳои ғайристандартӣ;

- таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқот;

- омӯзиш, таҳлил ва арзёбии роҳу усул ва шароити педагогии таълими фанни математика барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилотӣ олии омӯзгорӣ ҳамчун масъалаи педагогӣ дар адабиёти илмӣ, педагогӣ ва равоншиносӣ;

- сохторбандии стандартҳои барномаҳои таълимӣ ва озмоиши педагогӣ, дар коркарди нишондодҳои методӣ оид ба масъалаҳои ғайристандартӣ.

## I. **Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

1. Мирзоҳимов М.Ҳ. Татбиқи ҳосила дар ҳалли масъалаҳои ғайристандартӣ аз математикаи элементарӣ дар маҷалаи Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ, ISSN: 2663-5534) №1-2(122) 2024. 102-106с

2. Мирзоҳимов М.Ҳ. Нақши муодилаҳои ғайристандартӣ дар баланд бардоштани дониши математикии донишҷӯён (Паёми донишгоҳи миллии тоҷикистон. ISSN 2074-1847,саҳ 232-242. 2024с.

3. Сатторов А.Э, Мирзоҳимов М.Ҳ. Нақши мсъалаҳои мантиқии аз параметр вобаста ҳангоми баланд бардоштани тафаккури математикии хонандагон. (Паёми донишгоҳи миллии тоҷикистон. ISSN 2074-1847, саҳ 283-290. 2024с

4. Сатторов.А,Э., Мирзоҳимов М.Ҳ. Нақши машқҳои мантиқӣ дар рушди дониши математикии хонандагон. Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. 2022. 144-147 с.

5. Мирзоҳимов М.Ҳ. Нақши ифодаҳои математикии ғайристандартӣ дар баланд бардоштани дониши математикии донишҷӯён дар маҷалаи Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (силсилаи

илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ, ISSN: 2663-5534) №1-4(128)2024. 356-362с.

## II. Мақолаҳое, ки дар дигар нашриёҳо ба табъ расидаанд:

1. Мирзораҳимов М.Ҳ. Усулҳои ҳалли муодилаҳои алгебравии ғайристандартӣ Маводи Конференсияи Ҷумҳуриявиииилмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои актуалии илмӣ риёзӣ ва методҳои таҳқиқоти онҳо» бахшида ба эълон гардидани солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф». Кулоб-2023с. 117-121с.

2. Мирзораҳимов М.Ҳ., Шавқиева М. Ш. Бо ёрии ҳосила ҳал намудани масалаҳои мушкили математикаи мактабӣ. Академияи Идоракунии Давлатии Назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нақши илмҳои табиатшиноси, дақиқ ва риёзӣ дар иқтисодиётти миллӣ. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (ш.Душанбе, 15 ноябри соли 2021) 151-154с.

3. Мирзораҳимов М.Ҳ. Нақши машқҳои ғайристандартӣ дар таълими математика. Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Масоили мубрами математика ва таълими он» бахшида ба бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиат-шиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (2020-2040) ва 70-солагии Корманди шоистаи Тоҷикистон,доктори илмҳои педагогӣ,профессор А.Э. Сатторов (Бохтар 2020, 191-193с.)

4. Мирзораҳимов М.Ҳ. Нақши машқҳои ғайристандартӣ барои рушди дониши мантиқии хонандагон. Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ «Муамоҳҳои муосири математикаи татбиқӣ ва нақши он дар

тавсеаи тафаккури техникии ҷомеа». ДДҲ ба номи академик Б. Ғафуров. Факултети математика. 235-237с.

5. Мирзораҳимов М.Ҳ. Инкишофи қобилияти эҷодии донишҷӯён дар раванди ҳалли масъалаҳои ғайристандартӣ. Конференсияи байналмилалии илмӣ-назарявии «Нақши математика дар ташаккул ва инкишофи илмҳои иқтисодӣ, табиатшиносӣ ва илмҳои дақиқ» бахшида ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (Душанбе. 22 ноябри соли 2025), 414-420с.

6. Мирзораҳимов М.Ҳ. Инкишофи қобилияти эҷодии донишҷӯён дар раванди таълими математика. Сборник материалов 1 международной научно-практической конференции «Актуальные вопросы развития естественных, точных и математических наук и информационных технологий» посвященной двадцатилетию изучения и развития естественных, точных и математических наук в сфере науки и образования на 2020-2040гг. (27-ноября 2025г). 80-83с.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Мирзораҳимзода Мирзоали Ҳусейнбой дар мавзуи «Методикаи истифодабарии масъалаҳои ғайристандартӣ дар баланд бардоштани дониши математикии донишҷӯёни курсҳои поёнии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10-Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ(фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.1-Назария ва технологияи таълими математика) кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Мирзораҳимзода Мирзоали Ҳусейнбой дар мавзуи «Методикаи истифодабарии масъалаҳои ғайристандартӣ дар баланд бардоштани дониши математикии донишҷӯёни курсҳои поёнии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10-Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ(фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.1-Назария ва

технологияи таълими математика) бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-048 тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи методикаи таълими математика, санаи 25.02.2026 қабул гардидааст:

Иштирок доштанд: ҳамагӣ 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» 16 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Раиси ҷаласа:
мудири кафедраи методикаи
таълими математика н.и.ф.м. Нематуллоев О.А

Котиби ҷаласа: омӯзгори кафедраи
методикаи таълими математика Шарофиддин Ю

Имзоҳои Нематуллоев О.А. ва
Шарофиддин Ю – ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДБ ба номи Носири Хусрав Нажмидинов М.М

«28» 02 2026 с.